“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”
Ректори Донишгоҳи славянии
Россия ва Тоҷикистон, профессор
__________Файзулло М.К.
«__29__» ____январи____ соли 2024

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Ҳалимов Иномҷон Мамадҷонович дар мавзуи “Рушди низоми пардохти миллӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пул ва қарз**

## Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Диссертатсияи Ҳалимов Иномҷон Мамадҷонович ба бандҳои зерини Шиносномаи номгӯи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси “08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз” мутобиқат мекунад: 8.3. Пул дар системаи муносибатҳои иқтисодӣ. Шаклҳои пул ва пулҳои қалбакӣ. Пулҳои электронӣ: вижагиҳо, идоракунӣ ва дурнамои рушди онҳо; 8.4. Механизми гардиши пули накдӣ ва ғайринакдӣ; 8.5. Равишҳои андозагирии массаи пул: проблемаҳои истифода ва муносибгардонӣ; 8.8. Ташкили системаи самараноки пардохтӣ ва афзори ҳаллу фасли буҳрони пардохтӣ.

## Муҳиммияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.

Айни замон яке аз масоили мубрам ва калидӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди низоми пардохти миллӣ ба шумор меравад. Гузариш ба иқтисоди рақамӣ ва ташкили фаъолияти фосилавии субъектҳои иқтисодӣ тақозо менамояд, ки кулли фаъолияти хоҷагидорӣ ва ҳисоббаробаркуниҳо миёни иштирокчиёни бозори иқтисодӣ ба таври ғаринакдӣ татбиқ карда шавад. Аз ин рӯ, ташаккули низоми пардохтӣ ва илман асоснок намудани он барои тақвияти минбаъдаи рушди иқтисоди

миллӣ нақши муҳимро иҷро менамояд. Махсусан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди низоми пардохтӣ, зарур аст, ки инфрасохтори пардохтӣ ташаккул дода шавад, то кулли ҳисоббаробаркуниҳо ба таври мунтазам ва бидуни мушкилӣ анҷом дода шаванд. Ҷиҳати татбиқи сарвақтии ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва ташаккули низоми пардохтӣ, бояд заминаи технологӣ рушд дода шавад ва роҳу воситаҳои нави пардохти ғайринақдӣ роҳандозӣ гардад. Дар робита ба гуфтаҳои боло, қайд намудан ба маврид аст, ки дар мубрамияти мавзӯи мазкур шубҳа ҷой надорад ва он метавонад, ки дар ташаккули низоми пардохти миллӣ аҳамияти назарраси илмӣ дошта бошад.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ** пеш аз ҳама, аз навгониҳои илмӣ бармеоянд. Навгонии илмии таҳқиқот дар асосноккунии ҷанбаҳои назариявӣ –методии рушди низоми пардохти миллӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оиди мукамалгардони фаъолияти низоми пардохи миллии Тоҷикистон дар шароити рақамикунони иқтисодиёт инъикос меёбад. Аз он ҷумла:

1.Моҳияти иқтисодии низоми пардохт дар асоси тафсири муаллифии мафҳуми он, ки низоми миллии пардохтро ҳамчун яке аз ҷузъҳои муҳими инфрасохтори молиявии кишвар ва омили таъмини саривақтӣ ва бехатари пардохтҳо ва ҳисоббаробаркунӣ дар фаъолияти иқтисодии субъектҳои иқтисодӣ ва аҳолӣ таъриф менамояд, ошкор карда шудааст;

2. Принсипҳо ва шартҳои асосии ташаккул ва идоракунии самараноки низоми пардохтии миллӣ бо таваҷҷуҳ ба афзалияти беҳтар намудани функсияи тақсимоти он дар раванди муомилоти захираҳои молиявӣ дар иқтисодиёт, кушодагии низоми пардохтии миллӣ ва якпорчагии унсурҳои алоҳидаи он асоснок карда мешаванд, ки ба иштироки самараноки субъектҳои танзими низоми миллии пардохт ва фаъолияти устувори он дар доираи риояи меъёрҳои қонунгузории

кишвар, дар асоси афзалиятҳои стратегии ноил шудан ба параметрҳои рушди устувори бозори молиявӣ, метавонанд мусоидат намоянд;

3. Самтҳои афзалиятноки ҷорӣ намудани таҷрибаи ҷаҳонӣ дар ташаккул ва такмили низоми пардохти миллӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо карда шудаанд, ки ба васеъ намудани хизматрасониҳои пардохтӣ, рақамикунонии амалиёти пардохтӣ, таҳия ва татбиқи низоми пардохти фаврӣ, ташаккули пардохти рақобатпазир, беҳтар намудани амнияти пардохтҳо, ҷорӣ намудани навоварӣ дар ва рушди инфрасохтори низоми пардохт бо назардошти ҳамкориҳои муассир бо шарикони хориҷӣ, пеш аз ҳама, ба Федератсияи Русия ва Чин, равона шудаанд;

4. Дар низоми фаъолияти низоми миллии пардохтии Тоҷикистон ихтилофҳо ошкор карда шудаанд, ки ба рушди нобаробарии хизматрасониҳои пардохтӣ, аз номутобиқатии шумораи суратҳисобҳои дастрасии фосилавии шахсони воқеӣ бо суратҳисобҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо асъори хориҷӣ, ки аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ истифода мешаванд, шаҳодат медиҳанд;

5. Омилҳое, ки ба фаъолияти низоми пардохтии миллӣ таъсир мерасонанд, муайян карда шуданд, аз ҷумла: кам шудани шумораи субъектҳои хизматрасониҳои пардохтӣ; суръати баланди афзоиши гардиши пули накд нисбат ба пули ғайринакдӣ; баланд шудани суръати таваррум, кам шудани суръати афзоиши хачми умумии пардохтҳо бо назардошти таваррум; кам шудани интиқоли пул ба кишвар ва ғайра;

6. Самтҳои такмили идоракунии системаи пардохти миллӣ дар шароити рақамикунонии иктисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти шартҳои зерин пешниҳод шудаанд:

– такмили заминаи институтсионалии фаъолияти НПМ;

– рушди инфрасохтори НПМ ва дастрасии аҳолӣ ба он;

– тавсеаи ҳамкории байнибонкӣ ва рушди интернет-банкинг;

7. Алгоритми такмили фаъолияти низоми пардохти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таваҷҷуҳ ба рушди инфрасохтори молиявӣ ва

навсозии низоми пардохти миллӣ коркард шудааст, ки ҷанбаҳои ташкилӣ, инфрасохторӣ, коммуникатсионӣ, инноватсионӣ ва иттилоотии мукаммалгардондании механизми идоракунии ҷараёни муносибатҳои молиявию иктисодии кишварро дар бар мегирад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он**

Саҳми шахсии унвонҷӯ, дар ҷамъбасти маълумот, ба низом даровардан, аниқ ва пурра кардани равишҳои назариявӣ ва амалӣ ба рушди низоми пардохти миллӣ бо назардошти хусусиятҳои рақамикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд ифода меёбад.

Дар ин замина, дар асоси ҷамъбасткунӣ ва таҳлили маводи таҳқиқӣ самтҳои асосии такмили идоракунии низоми пардохти миллӣ муайян, тавсияҳои мушаххас оид ба такмили механизми НПМ дар шароити татбиқи иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия, нишондиҳандаҳои рушди НПМ пешгӯӣ ва алгоритми такмили НПМ коркард гардидаанд.

Инчунин, иштироки бевоситаи унвонҷӯ дар таҳқиқотҳои илмии гузаронидашуда дар институтҳои молиявӣ ва муассисаҳои қарзии кишвар, интишори мақолаҳои илмӣ оид ба мавзӯи диссертатсия, маърӯзаҳои илмӣ дар конфронсҳои илмию назариявӣ ва илмию амалӣ ба назар мерасанд, ки саҳми илмии ӯро ифода менамояд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Диссертатсияи тақризшаванда аз сарсухан, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Муҳтавои асосии таҳқиқот дар 207 саҳифаи кмопютерӣ оварда шуда, дар он 24 ҷадвал ва 24 расм ифода ёфта, рӯйхати адабиёт 197 сарчашмаро фарогир мебошад.

Дар муқаддима мубрам будани мавзуи диссертатсия ва сатҳи омӯзиши он асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет ва

усулҳои таҳқиқот муйян шудаанд, инчунин муқаррароти дорои навгонии илмӣ ва аҳамияти назариявию амалии диссертатсия инъикос гардидаанд ва маълумот оид ба тавсифи натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод карда шудаанд (с. 4-17).

Дар боби якуми диссертатсия «**Консепсияҳои низоми пардохт дар илми иқтисодиёти муосир**» унвонҷӯ масъалаҳои назариявии диссертатсияро баррасӣ намуда, ҷанбаҳои назариявии низоми пардохтиро баррасӣ намудааст. Аз ҷумла, қайд шудааст, ки низоми пардохти миллӣ яке аз ҷузъҳои таркибии муҳими инфрасохтори молиявию иқтисодии мамлакат буда, бо мақсади саривақту бехатар гузаронидани пардохтҳо ва ҳисоббаробаркуниҳо дар раванди фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ, инчунин аҳолӣ тавассути механизми муайян ва технологияҳои иттилоотию инноватсионӣ ба амал бароварда мешавад (саҳ. 33).

Дар ин раванд унвонҷӯ, қайд менамояд, ки низоми пардохт назар ба низоми пардохти миллӣ мафҳуми васеътар дорад ва маҷмӯи ташкилотҳои муайянро дар бар мегирад, ки бо мақсади саривақту бехатар гузаронидани пардохтҳо ва ҳисоббаробаркуниҳо дар дохил ва хориҷи кишвар мутобиқи қоидаҳои низоми пардохт якҷоя амал намуда, ба тақсиму бозтақсими даромадҳо дар иқтисодиёт ва гардиши савдои хориҷӣ мусоидат мекунад ва яке аз омили муҳимми таъсиррасон ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад (саҳ. 35).

Ҳамчунин дар доираи ин боб, унвонҷӯ ҷанбаҳои идоракунии самаранокии низоми пардохти миллиро таҳқиқ намуда, унсурҳо, принсипҳо, вазифа, унсур, хусусият ва аҳамияти арзёбии низоми пардохти миллиро дар низоми бонкдорӣ ва аз ин ҷо, дар иқтисодиёти мамлакатро муайян ва аниқ намудааст. Ҳамзамон, дар он марҳилаҳои ташаккули низоми пардохтҳо, намудҳои воситаҳои низоми пардохти миллӣ, хусусият ва афзалиятҳои он дар асоси омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ, аз қабили ИМА, Ҷопон, Чин, Руссия ва дигарон омӯхта, барои ба амал

баровардани амалиётҳои ҳисоббаробарии байни субъектон дар робита бо шароити бозор тадбирҳои мушаххас коркард шудааст.

Қайд карда шудааст, ки дар давлатҳои ҷаҳон танзимкунандагони низоми пардохти миллӣ чун операторони инфрасохтори низоми пардохт амал намуда, кӯшиш менамоянд, ки ба аҳолию соҳаҳои тиҷорат хизмат ва васоити пардохтҳоро такмил диҳанд. Ҳамин тавр, дар 56 давлати ҷаҳон аз соли 2020 низоми пардохтҳои фаврӣ ба кор фаъол карда шудаанд. Давлатҳои Аврупо тавассути Бонки марказии Аврупо дар охири соли 2018 хизмати фаврии пардохтҳои аврупоиро (TIPS) татбиқ кардаанд. Низоми федералии захиравӣ низоми пардохти шабеҳро дар солҳои 2023-2024 дар нақша дорад, ки таҳти унвони «FedNow» муайян шудааст (саҳ.73).

Дар охир, аз таҳқиқи назариявии идоракунии низоми пардохти миллӣ дар асоси таҷрибаи хориҷӣ хулосабарорӣ карда, самтҳои навсозии он барои шароити Тоҷикистон баён карда шудааст(саҳ.75).

Боби дуюми диссертатсия, ки **«Таҳлил ва арзёбии ташаккули низоми пардохти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** номгузорӣ гардидааст, унвонҷӯ ҳолати муосири ташаккулёбии низоми пардохти миллиро таҳлил намуда, дар натиҷаи он ба вазъи муосири низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои арзёбии ҳолати муосири соҳа, ошкор намудани мушкилотҳои ҷойдошта ва муайян намудани самтҳои рушди минбаъдаи низоми пардохти миллӣ баҳогузорӣ карда, дарҷ менамояд, ки ба сифати иштирокчиёни низоми пардохтӣ дар кишвар чунин сохторҳо ба монанди БМТ, ташкилотҳои қарзии молиявӣ, Сарраёсати Хазинадории Марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро баромад менамоянд.

Муаллиф тавассути таҳлили фаъолияти низоми миллии пардохтии Тоҷикистон ихтилофҳоро ошкор карда аст, ки ба рушди нобаробарии хизматрасониҳои пардохтӣ, аз номутобиқатии шумораи суратҳисобҳои дастрасии фосилавии шахсони воқеӣ бо суратҳисобҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо асъори хориҷӣ, ки аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ истифода мешаванд, шаҳодат медиҳанд. Инчунин муайян кардааст, ки гирифтани

пули накд бо истифода аз пардохти ҳаҷми зиёди муомилотро кортҳо ташкил медиҳанд ва мавқеъи операторони низомҳои пардохтии миллӣ аз рӯи ҳаҷми пардохтҳо тавсеаро талаб мекунад (саҳ. 80-95).

Дар асоси таҳлил омилҳое, ки ба фаъолияти низоми пардохтии миллӣ таъсир мерасонанд, муайян кардааст, ки аз коҳишёбии шумораи субъектҳои хизматрасониҳои пардохтӣ дар ҷумҳурӣ, суръати баланди афзоиши гардиши пули накд нисбат ба пули ғайринақдӣ, баланд шудани сатҳи таваррум дар мамлакат, коҳишёбии суръати афзоиши хачми умумии пардохтҳо бо назардошти таваррум ва ғайра зуҳур кардааст (101-110).

Инчунин унвонҷӯ, доир ба омилҳои дигар дастрасии интернет, рушди инфрасохтори пардохтҳои ғайринақдӣ ва дигар таҳлили дастрасии аҳолии кишварҳои ҷаҳон ба интернет гузаронидашуда мавқеи онҳо муайян карда шудааст, ки Тоҷикистон дар он нишододи сатҳи миёнаро байни давлатҳои ИДМ соҳиб аст. Муайян карда шудааст, ки мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раддабандии байналмилалии Global Cybersecurity index оид ба раддабандии байналмилалии амнияти иттилоотӣ дар сатҳи 90 қарор дорад (саҳ. 113).

Дар натиҷаи омӯзши боби мазкур, ӯнвонҷӯ хулоса намудааст, ки низоми пардохти миллӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти кишвар тадриҷан такомулро тақозо менамояд ва бояд дар давраҳои мутобиқ ба Консепсияи рақамикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2040 амалӣ карда шавад. Дар самти идоракунии НПМ бошад, пеш аз ҳама истифодаи технологияи иттилоотӣ, шабакаи Интернет, таъмини амнияти иттилоотӣ, пардохтҳои электронӣ миқдори банкомат ва терминалҳо, инфрасохтори НПМ дар меҳвари диқати мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти танзимкунанда (БМТ) ва операторони низоми пардохт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гиранд.

Унвонҷӯ дар баррасии боби сеюми диссертатсия **«Стратегияи таъмини ташаккули низоми пардохти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** таъкид менамояд, ки ҳолати муосири низоми пардохти миллӣ аз бисёр

ҷиҳат аз натиҷаи татбиқи стратегияҳои рушди НПМ, ки дар давраҳои мухталиф таҳия ва амалӣ шудаанд ва хусусан Стратегияи тараққиёти НПМ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраҳои солҳои 2014-2020 вобастааст. Аз ин лиҳоз дар раванди татбиқи стратегияи тараққиёти НПМ то давраи соли 2020 заминаҳои қонунгузории НПМ назаррас такомул дода, шароити нисбатан мусоид барои хизматрасониҳои пардохтӣ дар кишвар фароҳам оварда шавад (саҳ. 138).

Ҳамзамон, ӯнвонҷӯ дар доираи боби мазкур самтҳои танзим ва идоракунии рушди низоми пардохти миллиро бо назардошти омӯзиши таҷрибаи хориҷа дар доираи консепсияи рушди иқтисодиёти рақамӣ гурӯҳбанди ва тавзеҳ дода, чораҳои татбиқи онро дар низоми пардохти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таври зарурӣ пешниҳод менамояд, ки қобили қамбул мебошад. Дар радифи он муаллиф, чораҳои такомули низоми пардохти миллиро гурӯҳбандӣ ва коркард намудааст.

Дар самти рақобатпазирии НПМ ӯнвонҷӯ алгоритми такомулли заминаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти НПМ тартиб дода (саҳ.157) қайд менамояд, ки унсури муҳимтарин он такомули заминаи қонунгузории давлатӣ мебошад, ки баррасию таҳқиқи қонунгузории кишварро тақозо менамояд ва барои такомули ҳуқуқи истеъмолгарони хизматрасониҳои пардохтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд заминаи меъёрӣ фароҳам оварда шавад (саҳ.167).

Инчунин муаллиф барои таъмини рушди низоми пардохтии кишвар унсурҳои НПМ дар шароити рақамикунонии иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чораҳои амалисозии онро коркард намудааст (саҳ.169).

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин тавсияҳое, ки аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доранд, пешниҳод гардидаанд.

**Дараҷаи саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот** бо истифодаи усулҳои махсус дар рафти иҷрои диссертатсия, боэътимодии маълумот, ҳаҷми кифояи маводи

таҳқиқшуда, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот, маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ тасдиқ мешавад.

Дар амалия хулоса ва тавсеаҳо барои татбиқи натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ва дар асоси таҳлили илмӣ ҷанбаҳои назариявию таҷрибавӣ бароварда шудааст, ки аз эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дарак медиҳад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.**

Кори диссертатсионӣ аз рӯи сохтор, мазмун ва мантиқаи иншояш дар маҷмӯъ ба мақсад ва вазифаҳои гузошташуда мувофиқ мебошад.

Дар диссертатсия масъалаҳои ташкил ва амалкарди низоми миллии пардохт дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ба дараҷаи зарури мантиқӣ таҳқиқ гардидаанд. Таҳлили ҷанбаҳои назариявию методии корро муаллиф бо натиҷаҳои баррасии амалияи кори низоми бонкии ҷумҳурӣ пурра карда, дар ин замина, оид ба такомули таъминоти методии низоми пардохтӣ пешниҳодҳои асоснокро ироа намудааст.

Татбиқи равиши методии номбурда ва истифодаи он, имкон дод ки муқаррароти илмӣ, ва инчунин хулосаву тавсияҳое, ки дар рафти тадқиқот ба даст омада буданд, асоснок карда шаванд.

Ҳини арзёбии эътимоднокии натиҷаҳои ба даст омада, қайд кардан бамаврид аст, ки дар рафти кори диссертатсионӣ шумораи хеле зиёди монографияҳои олимони ватаниву хориҷӣ, асноди меъёриву ҳуқуқӣ, маълумоти расмии Бонки миллии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Тоҷикистон, инчунин ҳисоботи молиявию ҷории як қатор ташкилотҳои қарзии ватанӣ ба таври васеъ истифода бурда шудаанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

**Аҳамияти илмии таҳқиқот.** Аҳамияти илмии натиҷаҳои таҳқиқот дар асосноккунии назариявӣ ва методии такмили механизми низоми пардохти миллӣ дар асоси консепсияҳои муосири иқтисодӣ зоҳир

мешавад. Пешниҳод ва тавсияҳои дар диссертатсия коркардшударо ба сифати воситаи тасҳеҳи сиёсати пулию қарзӣ, ба мақсади боз ҳам такмил додани механизми амалии низоми пардохти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст. Пешниҳодҳои мушаххаси муаллифро ҳангоми таҳияи лоиҳаи стратегияю барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти тараққиёти низоми пардохти миллӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он ифода мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд барои ошкор намудан ва рафъи мушкилиҳои такмили системаи пардохти миллӣ дар шароити муосир коркард шуда, муқаррароти таҳиягардида имкон медиҳад, ки самаранокии низоми пардохти миллӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт баланд бардошта шавад. Тавсияҳои таҳияшуда метавонанд дар низоми бонкдории миллӣ ба кор бурда шаванд. Муқаррароти назариявӣ ва тавсияҳои амалии таҳқиқот дар раванди таълимии зинаи бакалавриат ва магистратура истифода мешаванд.

**Аҳамияти иқтисодии таҳқиқот аз он иборат мебошад**, ки натиҷаҳои диссертатсия метавонанд ба рушди низоми пардохти миллӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт таъсири мусбӣ расонда, дар навбати худ, болоравии нишондиҳандаҳои натиҷавии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин намоянд.

**Аҳамияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия дар он аст**, ки рушди низоми пардохти миллӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт имкон медиҳад, ки дар сохторҳои тиҷоратӣ, хоҷагиҳои хонавода ва дар маҷмӯъ аҳолӣ (бахши хусусӣ) барои ташкил ва иҷрои пардохтҳои муосир бо назардошти консепсияи рақамикунонии иқтисодиёт, сарфашавии захираҳои хароҷоти пардохту муомилот имконпазир мегардад, ки дар умум боиси болоравии некӯаҳволии аъзои ҷомеа шуда метавонад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Асарҳои интишоршудаи муаллиф иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву

пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷой доштаро дар худ инъикос намудаанд. Доир ба мавзуи таҳқиқот 11 кори илмӣ бо ҳаҷми умумии 5,7 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 3,6 ҷузъи чопӣ аз муаллиф), аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Ҳалимов И.М. мутахассиси ташаккулёфтаи соҳаи молия ва қарз ба ҳисоб рафта, имкон ва нерӯи зеҳнии ҳалли масъалаҳои калонҳаҷми илмиро дар соҳаи мазкур дорад. Кори диссертатсионии ӯ бо тахассуси илмии диссертант мувофиқ аст. Мавзӯи тадқиқоти диссертатсионӣ, сохтори он ва мазмуни кори ба анҷомрасонида ба талаботҳои муқаррарнамудаи шиносномаи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пул ва қарз мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои илмии ҳосилшуда ба тахассуси илмии унвонҷӯ мувофиқ буда, посухгӯи талаботҳои нисбати чунин корҳо гузошташуда мебошад.

Ҳамчун корманди илмӣ, унвонҷӯи тақризшаванда дорои лаёқату захираи зеҳнӣ, ҳадафмандӣ, маъулиятшиносӣ буда, корҳои илмӣ-тадқиқотиро дар сатҳи зарурӣ ташкил карда, қарорҳои мустақилона қабул мекунад ва ба ҳадафу вазифаҳои гузошташуда ноил гардида метавонад.

**Эродҳо ва баъзе тавсияҳо ба диссертатсия:**

1. Дар зербоби 1.1 муаллиф асосҳои ташаккул ва рушди низомҳои пардохтӣ, махсусан низоми пардохти миллиро мавриди омӯзиш қарор дода, хусусиятҳои онро муайян намудааст. Агар хусусиятҳои тавсифоти муаллифии низоми пардохти миллӣ ба тариқи расм инъикос мегардид, фикр мекунам сифати диссертатсия боз ҳам беҳтар мегардид.
2. Зербоби 1.2 принсипҳои ташаккул, унсурҳои асосии низоми пардохти миллӣ, алгоритм ва хусусиятҳои фаъолияти низоми пардохти миллӣ ва самараи он мавриди таҳқиқии ҷузъи қарор дода шудааст. Вале агар дар асоси он манзараи умумии низоми пардохти миллӣ дар шакли умумӣ таҳия мегашт, чун фаҳмиши умумии он ҳамчун саҳми муаллиф боз ҳам возеҳтар мегардид.

3. Дар расми 1.3.1 сохтори низоми пардохти миллии Федератсияи Руссия ҳамчун таҷрибаи хориҷӣ инъикос кардашуда, сатҳ ва унсурҳои танзиими он бо тартиб дарҷ гардидааст. Дар сурати дарҷи чунин сохтор барои низоми пардохти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон боз ҳам сатҳу сифати кор боло рафта, он асос барои таҳияи навгонии илмӣ мегардид.

4. Дар параграфи 2.2 омилҳои таъсиррасон ҳамчун омилҳои берунӣ ва инфрасохторӣ мавриди таҳлил қарордода, аҳамият ва сатҳи таъсири он ба ташаккул ва рушди низоми пардохти миллӣ дар алоҳидагӣ арзёбӣ карда шудаанд. Вале, хуб мешуд агар дар кор сатҳи таъсири онҳо ба низоми милли пардохт дар шакли умумӣ ё худ ҳисоби бузургии интегралӣ тасвир карда мешуд. Зеро ин амал метавонист боз ҳам асос барои гурӯҳбандии омилҳо вобаста аз мавқеъ гардад.

5. Дар саҳ.135 рисола, чораҳои асосии таъмини самара ё худ доираи фаъолияти низоми пардохти миллӣ барои рушди хизматрасониҳои бахши давлатӣ ё худ бо таври умумӣ таҳия гардидаанд. Вале хуб мешуд агар чунин чораҳо барои ҳам бахши давлатӣ ва хусусии хизматрасонии пардохтӣ дар алоҳидагӣ таҳия мегардид. Зеро, дар сурати тасвири самараи алоҳидаи он барои бахши давлатӣ ва хусусии хизматрасониҳои пардохтӣ саҳми илмии муаллифро боз ҳам ошкортар мегардонид.

6. Дар параграфи 3.2 такмили асосҳои институтсионалии низоми пардохти миллӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ бо таври муфассал дар алоҳидагӣ баён гардида, натиҷаи таҳқиқ дар пайи он бо таври ҷузъи дарҷ карда шудааст. Агар хулосаҳои муаллифӣ аз натиҷаҳои таҳқиқи асосҳои институтсионалии низоми пардохти миллӣ дар шароити рақамисозӣ дар шакли ҷадвал ҷамъбаст мегардид, ин бозҳам саҳми илмии муаллифро балантар инъикос менамуд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия**

Диссертатсияи **Ҳалимов Иномҷон Мамадҷонович** ҳамчун кори илмии ба анҷом расида ба ҳисоб рафта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву

асосноккунӣ дар сатҳи баланди илмӣ - назариявӣ навишта шуда, ба махакщои гирифтани унвони илммии номзади илмҳои иқтисодӣ, омода намудани диссертатсия ва ташхиси диссертатсия дар шурои диссертатсиони ва дигар талаботҳои муқаррарнамудаи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти № 267) чавобгу мебошад.

Рисолаи довталаби дараҷаи илмӣ ба меъёрҳои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, омода намудани рисола ва санҷиши кори диссертатсионӣ дар Шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, тартиби додани дараљањои илмӣ ва тартиби бақайдгирии давлатии рисолаҳои дифоъшуда, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст мутобиқат менамояд.

Кори диссертатсионӣ бо забони фаҳмо бо истилоҳоти қабулшуда навишта шудааст, ороиши диссертатсия тағиротро талаб намекунад. Автореферат ва мақолаи илмӣ ба табъ расидаи унвонҷӯ таркиби асосии диссертатсияро дарбар гирифта, натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст. Ҷанбаҳои муҳими мундариҷаи кор дар автореферат инъикос ёфтаанд, ки предмети асосии дифоъ мебошанд. Бинобар ин, талабот дар ин бобат дар маҷмӯъ конеъ карда мешавад.

**Хулоса**

Таҳқиқоти диссертатсионии Ҳалимов Иномҷон Мамадҷонович дар мавзуи “Рушди низоми пардохти миллӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пул ва қарз пешниҳод шудааст, кори илмии мукаммал ва бaанҷомрасида буда, дар он натиҷаҳои нави назариявӣ ва амалии аз ҷиҳати илмӣ асоснок ба даст оварда шудаанд.

Мубрамӣ, навгонӣ, асоснокии муқаррароти асосии илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, инчунин аҳамияти он барои илми иқтисодӣ ва амалияи

пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ гувоҳӣ медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ умуман ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 367 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он – Ҳалимов Иномҷон Мамадҷонович барои додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пул ва қарз сазовор мебошад.

Дар ҷаласа 14 - нафар иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 14 нафар, «зид» - нест, «бетараф»-нест.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст. (протокол №_6_ аз _26.01._ 2024).

**Раиси ҷаласа:**
**мудири кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, н.и.и., дотсент** **Шарифов Т.А.**

**Эксперт:**
**дотсенти кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон** **Миразизов А.Ҳ.**

**Котиби ҷаласа:** **Абдуллоева М. Н.**

**Имзои Шарифов Т.А.ва Миразизов А.Х.-ро тасдиқ менамоям:**

**Сардори раёсати кадрҳо** **Раҳимов А.А.**

**(734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. М.Турсунзода, 30, www. rtsu.tj E-mail:p.rektora@mail.ru, Телефон: тел: (+99237) 221-35-50, (+992) 227-67-90)**